«Тасдиқ мекунам»
Ректори Консерваторияи
миллии Тоҷикистон ба номи
Талабхӯҷа Сатторов,
дотсент Достизода Миралӣ

«29» ноябри соли 2024

**ХУЛОСАИ**
**КОНСЕРВАТОРИЯИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**БА НОМИ ТАЛАБХӮҶА САТТОРОВ**

Диссертатсияи «**Ҳалли композитсионӣ дар бузургсилсилаи полифонии Фирӯз Баҳор: 24 прелюдия ва фуга барои фортепиано «Нақши паранд»»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) дар кафедраи таърих ва назарияи мусиқии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов ба анҷом расидааст.

**Убайдзода Бахтиёр Аҳрорӣ** соли 2016 Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторовро бо ихтисоси фортепиано, омӯзгор, якканавози ансамбл, консертмейстер ва соли 2019 шуъбаи композитсияро бо ихтисоси омӯзгор, композитор, соли 2021 шуъбаи магистратураи Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторовро низ аз рӯйи ихтисоси композитор, омӯзгор хатм кардааст. Аз соли 2021 то соли 2024 ба ҳайси докторант дар кафедраи таърих ва назарияи мусиқии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғул гардидааст. Феълан ба ҳайси мудири кафедраи композитсия ва созбандии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов фаъолият дорад.

Роҳбари илмии Убайдзода Бахтиёр Аҳрорӣ доктори илмҳои санъатшиносӣ, профессори кафедраи таърих ва назарияи мусиқии

Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов **Азизӣ Фароғат Абдуқаххорзода** мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар шурои олимони Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов аз 30.12.2021, қарори №4 тасдиқ шудааст.

Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов ба Убайдзода Бахтиёр Аҳрорӣ 17-уми июни соли 2024, №1 маълумотномаи академӣ (транскрипт) додааст.

**Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 16 зербоб, хулоса, руйхати адабиёт ва замима иборат мебошад. Мавзуи мавриди таҳқиқ нав, мубрам ва муҳим буда, муҳаққиқ кӯшиш кардааст, ки дар асоси маълумоти сарчашмаҳои адабию таърихӣ, таҳлил ва барасии асарҳои олимони соҳаи мусиқишиносии ватаниву хориҷӣ Протопопов В., Ливанова Т., Васирук И., Поклонская Н. таҳқиқи ҷойгоҳи асари композитор Фирӯз Баҳор – бузургсилсилаи полифонии 24 прелюдия ва фуга барои фортепиано «Нақши паранд»-ро дар мусиқишиносии тоҷик муайян аз диди мусиқишиносӣ таҳлил намояд. Асари Фирӯз Баҳор «24 прелюдия ва фуга» – асари полифонӣ буда, аз ҷумла, дар мусиқии тоҷик ягона асарест, ки дар жанри бузургсилсила навишта шудааст, ки барои миллати тоҷик ва мусиқии касбӣ як воқеаи нодири таърихист зеро на ҳар як миллат неруи бузурги эҷодии дар ин жанри мусиқӣ офаридани ин гуна асари полифунсионалиро дорад. Бино бар ин, таҳлил ва баррасии он барои мусиқишиносии тоҷик хеле мубрам аст ва кори илмии анҷомшуда саривақтӣ башумор меравад.

Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар **шиносномаи ихтисоси илмии** доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи **ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ)** нишон дода шудаанд, комилан **мувофиқат мекунад.** Муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳои он ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи ногусастанӣ доранд.

**Мубрамии интихоби мавзуи диссертатсионӣ** бо он вобаста аст, ки падидаи *бузургсилсилаи прелюдия ва фуга* дар мусиқии тоҷик бори нахуст тадқиқ мешавад (1). Услуби якҷояшавии жанри полифонии калонҳаҷм дар доираи арзишҳои миллии мусиқии тоҷикӣ то имрӯз мавзуи махсуси ягон тадқиқоти мусиқишиносӣ нагардида буд (2). Таҳлили ҷанбаи *ҳалли композитсионӣ* дар бузургсилсилаи полифонии «Нақши паранд» бори нахуст дар мусиқишиносӣ ба амал меояд (3). Ва ниҳоят, дар умум полифонияи композитор Фирӯз Баҳор дар мусиқишиносӣ то ҳол таҳқиқ нагардидааст (4).

Мубрамии кори диссертатсионӣ хусусан бо он низ муайян мегардад, ки муаллифи диссертатсия хулосаҳои худро дар асоси таҳлили полифонии муфассал, яъне бо фарогирии сохтори мушаххас, асоси композитсионӣ-драматургии ҳар як силсилаи хурди таркибӣ ва ҳар як асар бароварда аст. Ин нукта барои омӯзиши бузургсилсилаи мазкур дар ҷараёни таҳсилот ҳам ба омӯзиши асосҳои назариявии он ва ҳам иҷрои амалии он мусоидат мекунад.

Мубрамии кори диссертатсионӣ бо хулосаҳои муаллиф, ки аз таҳлили пурраи полифонии асар бо нишондоди сохтори дохилии ҳар як прелюдия ва фуга, аёнии рафти драматургӣ бароварда шудааст, алоқаманд аст. Чунин таҳлил ҳам ба ҷараёни таълим ва ҳам ба рушди илм мусоидат менамояд.

**Асоси назариявии таҳқиқот** коркарду консепсияҳои мусиқишиносии ҷаҳонӣ, советӣ, тоҷик ва муосир оид ба полифония мебошад. Зеро ки жанри бузургсилсилаи полифонӣ зодаи тафаккури ин гунаи мусиқист. Дар рафти навиштани кори диссертатсионӣ принсипи методологияи муқоисавӣ, ки байни фаҳмишҳои академӣ ва миллӣ ҷо доранд, хусусан корбарӣ карда шудаанд. Чунин нуктаи таҳқиқ аз дунҷаҳонии худи композитор бармеояд.

Дар кори диссертатсионии ҳозир ҷанбаи *ҳалли композитсионӣ* ҳамчун ҷанбаи афзалиятноки таҳлил интихоб гардидааст. Дар ин раванд ба категорияҳои марбут ба ин ҷанба, аз қабили *сатҳи ҳаҷмӣ* («масштабный уровень» – истилоҳи Л. Мазел), *шакли кушода*, василаҳои ифода (лаҳну оҳанг, вазну зарб, жанр ва диг.) аҳаммияти хосса дода мешавад. Зеро ки композитор онҳоро дар рафти таълиф ҳадафнок истифода бурда, бо моҳияти асосии асар

мепайвандад. Ва бо вуҷуди полифонӣ будани бузургсилсила, ӯ асоси жанрии прелюдия ва фугаҳои таркибиро бештар тавассути категорияи *сатҳи ҳаҷмӣ* талқин медиҳад.

Дар рафти таҳлил вобастагии ҳалли композитсионӣ дар полифония аз тағйироти фаҳмиши эстетикие, ки то замони ҳаёти композитор ба вуҷуд омадааст, нишон дода шуда, хусусиятҳои *ҳалли композитсионӣ* ҳамчун омили гуногунрангии талқини жанри полифонии прелюдия ва фуга («силсилаи хурд») ва бузургсилсилаи 24 прелюдия ва фуга («силсилаи калон») муайян карда шудааст. Дар ин асар композитор Фирӯз Баҳор тафсири хеле муосири жанри классикии «фуга» ва ҳам жанри силсилавии «прелюдия ва фуга»-ро бо дороии тавонои тафаккури полифонии худ пешниҳод намудааст.

Асарҳои таркибии бузургсилсила на танҳо дар навъи *шакли пӯшида*, балки инчунин дар *шакли кушода* навишта шудаанд. Дар мусиқишиносии аврупоиасос чунин шуморида мешавад, ки «шакли кушода дар санъати мусиқӣ дар асри XX ба истифода даромад». Дар кори диссертатсионӣ натиҷагирии методологӣ оид ба ин масъала ба амал оварда шудааст. Зимни мусиқии аврупоиасос нахусткоркарди истилоҳҳои «шакли кушода» ва «шакли пӯшида»-ро ба Генрих Вёлфлин (ибтидои асри XX) нисбат медиҳанд, ки дар монографияи худ «Мафҳумҳои асосии таърихи санъат» боби сеюм «Шакли пӯшида ва кушода (тектонӣ ва атектонӣ)»-ро ба ин масъала бахшида аст.

Ба ҳайси **асосҳои методологии кори диссертатсионӣ** консепсияҳои назарии мусиқишиносон-полифонистон (оид ба масъалаи амудӣ ва уфуқӣ дар таҳқиқоҳои С. Танеев, Э. Курт, С. Скребков, Ю. Холопов, В. Холопов дида мешавад. Т. Мюллер, В. Протопопов, С. Скребков, В. Фраенов, С. Григорев, Ю. Евдокимова, А. Милка, А. Степанов, А. Чугаев, ки дар китобҳои дарсӣ, тадқиқотҳои илмӣ ва як қатор корҳои диссертатсионӣ қарор гирифтаанд, истифода бурда шудаанд.

**Диссертант дар баробари шуруи пажуҳиши мавзуъ** марбут ба услуби полифонӣ, фаъолияти омӯзгории худро аз соли 2018 то имрӯз дар Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов аз фанҳои

«Таърихи пианизм» ва «Полифония» оғоз карда, ҳамаи дарёфтҳои тадқиқотии худро дар курсҳои лексионӣ истифода мебарад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он дида мешавад, ки нахустин бор услуби полифонии Фирӯз Баҳор дар илми мусиқӣ талқини худро меёбад (1); асари бузургсилсилаи «Нақши паранд» мавзуи асосии диссертатсия интихоб мешавад (2); дар рафти навиштани диссертатсия дастнависи композитор ба чоп омода гардид (3); талқини бузургсилсилаи полифонӣ аз диди композитори тоҷик ба мусиқишиносӣ ворид мегардад (4). Кори диссертатсионии мазкур аввалин таҳқиқотест, ки оид ба жанри полифонӣ ба забони тоҷикӣ анҷом шудааст.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии кори диссертатсионӣ** дар он аст, ки ин нахусттадқиқи тафаккури полифонии композитори тоҷик мутааллиқ ба охири асри XX – аввали асри XXI мебошад. Ва асари полифонии композитори тоҷик ҳамчун намунаи ташаккули ин тафаккур пешниҳод мегардад. Ин мавзуъ дар мусиқишиносии тоҷик то имрӯз дар соямонда маҳсуб меёбад. Кори диссертатсионӣ асари мушаххаси композитор Фирӯз Баҳорро бо таҳлили муфассали илмӣ-мусиқишиносӣ пешниҳод менамояд. Он хусусан барои донишҷӯёни шуъбаҳои мусиқишиносӣ, фортепиано, композитсия, пажуҳишгарони илми мусиқӣ ва омӯзгорони мактаби олии мусиқӣ судманд мебошад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот** дар нахустин будани кори диссертатсионӣ ҳам дар пажуҳиши услуби полифонии Фирӯз Баҳор ва ҳам дар омӯзиши асари мушаххаси ӯст. Бояд қайд кард, ки дар мусиқишиносии тоҷик то ҳол ба Фирӯз Баҳор таҳқиқоти хосса бахшида нашудааст.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия** 8 мақола (4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и ҶТ, 4 мақола дар маҷалаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ), як маҷмуаи нотавии «Асарҳои полифонӣ, сонатинаҳо ва вариатсияҳо барои фортепиано» амалӣ гардонида шудааст. Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда банашррасида ба мавзуи таҳқиқӣ

иртиботи бевосита дошта, муҳтавои асосии диссертатсия ва авторефератро инъикос менамоянд ва рӯйхати онҳо дар зер оварда мешавад:

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷалаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Убайдзода, Б.А. К вопросу трактовки малого полифонического цикла в творчестве Фируза Бахора / Б.А. Убайдзода // Вестник Института развития образования. Серия педагогических и психологических наук. – Душанбе, 2023. – №4 (44). – С. 283-291.

[2-М]. Убайдзода, Б.А. Рушди мусиқии полифонии тоҷик дар асрҳои XX-XXI / Б.А. Убайдзода // Паёми Донишгоҳи забонҳо (силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих). – Душанбе, 2024. – №3 (55). – С. 331-337.

[3-М]. Убайдзода, Б.А. Инъикоси унсурҳои зарбии мақомоти тоҷик дар силсилабузурги полифонии «24 прелюдия ва фуга»-и Фирӯз Баҳор / Б.А. Убайдзода // Паёмномаи фарҳанг. Нашрияи илмӣ-таҳлилӣ. – Душанбе, 2024. – №2 (66). – С. 72-77.

[4-М]. Азизӣ Ф.А., Убайдзода, Б.А. Истифодаи хусусияти мусиқии суннатии тоҷик дар силсилаи полифонии «24 прелюдия ва фуга» («Нақши паранд»)-и Фирӯз Баҳор – зуҳуроти методи нави таълиф дар фанни «полифония» / Ф.А. Азизӣ, Б.А. Убайдзода // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе, 2024. – №3 (47). – С. 262-267. (Ҳаммуаллиф).

**II. Таълифоти муаллиф дар маҷалаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[5-М]. Убайдзода, Б.А. Жанри «силсилаи бузург»-и полифонӣ дар мусиқии композиторӣ: таърих ва талқин / Б.А. Убайдзода // Мутриб. Маҷалаи илмӣ. – Душанбе, 2022. – №1. – С. 84-91.

[6-М]. Убайдзода, Б.А. Дарсҳои маҳоратии пианинонавози машҳур Франсуа Шаплен / Б.А. Убайдзода // Мутриб. Маҷалаи илмӣ. – Душанбе, 2022. – №1. – С. 92-99.

[7-М]. Убайдзода, Б.А. Таърихи рушди «фугаи ҷазӣ» дар мусиқии композиторӣ / Б.А. Убайдзода // Мутриб. Маҷалаи илмӣ. – Душанбе, 2023. – №1(3). – С. 75-82.

[8-М]. Азизӣ Ф.А., Убайдзода, Б.А. Диди композитор Фирӯз Баҳор ба падидаи оҳанг-тӯғро / Ф.А. Азизӣ, Б.А. Убайдзода // Мутриб. Маҷалаи илмӣ. – Душанбе, 2024. – №6. – С. 23-35. (Ҳаммуаллиф).

**III. Нашри маводи нотавӣ:**

[9-М]. Убайдзода, Б.А. Маҷмуаи асарҳои полифонӣ, сонатинаҳо ва вариатсияҳо барои фортепиано (Нота) / Б.А. Убайдзода. – Душанбе: «Нашри Камол», 2020. – 71 с.

**Тавсиби аслии натиҷаҳои таҳқиқ:** дар ин муддат дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ (Душанбе 2021, 2022, 2023, 2024, 2025), конференсияҳои байналмиллалӣ (Душанбе 2024, 2025); дар ҷаласа ва семинарҳои кафедраҳои тахассусии Консерватория мунтазам аз ҷаҳати илмӣ ва амалӣ муҳокима намудан; дар курсҳои такмили ихтисосои омӯзгорон, корбаст шудаанд.

**Саҳми шахсии диссертант** дар кори таҳқиқотӣ дар омӯзиши назариявӣ (солҳои 2021-2024) ва амалӣ (фаъолияти омӯзгорӣ ва нашри маводи нотавӣ) дида мешавад. Натиҷаи он дар тасдиқи муқаррароти кори илмӣ, раванди таҳлил ва хулосабарории асари полифонии композитор, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, маҷмуаи асарҳои полифонӣ, сонатинаҳо ва вариатсияҳо барои фортепиано (Нота), ҷамъбасти натиҷаҳо ва таҳияи диссертатсия таҷассум ёфтааст.

Кафедраи таърих ва назарияи мусиқии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов диссертатсияи Убайдзода Бахтиёр Аҳрориро дар мавзуи «Ҳалли композитсионӣ дар бузургсилсилаи полифонии Фирӯз Баҳор: 24 прелюдия ва фуга барои фортепиано «Нақши паранд»» кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина, диссертатсияи мазкур ба зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя аз рӯйи ихтисоси

6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ), барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи кафедраҳои таърих ва назарияи мусиқии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов қабул гардид.

Иштирок дошт: 20 нафар, аз онҳо «тарафдор» – 20 нафар, «муқобил» – нест, «бетараф» – нест, қарори №11, аз 22.11.2024.

Раисикунанда – ноиби ректор оид
ба илм ва муносибатҳои байналмилалӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессори
соҳаи фарҳангшиносии татбиқӣ — Латифзода Диловар Назришоҳ

Котиби илмӣ, номзади илмҳои филологӣ — Шарифзода Лутфулло Абдулло

**Имзои Латифзода Диловар**
**Назришоҳ ва Шарифзода Лутфулло**
**Абдуллоро тасдиқ мекунам:**
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба
номи Талабхуҷа Сатторов — Тошов Муҳаммадюсуф Абдураҳимович

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳусейнзода, 155
факс: 227-60-29, тел: 227-07-20;
e-mail: tjconservator@mail.ru

28 ноябри соли 2024